**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, профессор Гулназарзода Ҷ.Б.______________
«__1__» ____ноябри____ соли 2023

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Диссертатсияи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигорӣ ба анҷом расидааст.

**Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна соли** 1995 факултети филологияи руси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти рус дар мактабҳои миллӣ ва забони тоҷикӣ дар мактабҳои ғайримиллӣ хатм кардааст. Аз соли 2008 то 2010 ба ҳайси ассистент, аз солҳои 2010 то 2013 ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба кори илмӣ-таҳқиқӣ машғул шудааст. Ӯ аз солҳои 2014 то 2015 ба ҳайси муовини декан оид ба илми факултети филологияи рус, солҳои 2015 то 2016 котиби шурои илмӣ-методӣ, солҳои 2016 то 2018 мудири кафедраи забон ва адабиёти рус ва соли 2018 мудири кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, аз соли 2018 то инҷониб дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул аст .

Абдуллоева Г. З. соли 2013 дар мавзуи “Лексикаи лаҳҷаи Каратоғ” мавзуи номзадиашро ҳимоя намуда, 21 октябри соли 2021 бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон унвони илмии дотсентиро соҳиб гаштааст. Муаллифи беш аз 50 мақолаи илмӣ, 2 монография, 2 китоби дарсӣ бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, як дастури таълимӣ ва 3 барномаи таълимӣ мебошад.

Мушовири илмии Абдуллоева Г.З. узви вобастаи АМИТ, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Назарзода Сайфиддин мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 31.01. 2018 бо қарори №6/4-1 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Муқаррар карда шудааст, ки таркиби вожагонии лаҳҷаҳо ва гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор ниҳоят ғановатманд ва рангин буда, он дар мавҷудияти қабатҳои гуногуни маъноӣ ва гурӯҳҳои зиёди мавзуии вожаҳо, унсурҳои иқтибосӣ аз забонҳои бегона, воҳидҳои сермаънову зидмаъно, муродифот, муодилҳову мувозаҳои мухталифи калимаҳо, таъбиру таркибҳои фразеологӣ, унсурҳои бозмонда аз забони адабиёти классикӣ, қолабҳои вожа ва васоити махсуси калимасозу калимабанд ва амсоли инҳо мушоҳида мегардад. Дар ин миён таҳқиқи ҳамаҷонибаи вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор ва ҷузъитарин хусусиятҳои дохилии онҳо барои муайян намудани раванди таърихии ташаккулу таҳаввули забони меъёрии тоҷикӣ ва асоси лаҳҷавии он таҳқиқи амикро интизор аст.

Яке аз роҳҳои ташаккул ва ғанӣ гардонидани таркиби луғавии лаҳҷаву шеваҳои мазкур ин таҳқиқи вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ аз нигоҳи этнолингвистӣ ба ҳисоб меравад. Дар пайдоиши вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, пеш аз ҳама, иртиботи ногусастание бо табиат, суннату анъана ва ҷашну маросимҳои мардумӣ мушоҳида мешавад.

Бо вуҷуди назаррас будани дастовардҳо дар доираи илми этнолингвистика омӯзишу пажуҳиши равандҳои гуногун дар баъзе соҳаҳо, махсусан соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ то андозае аз мадди назари муҳаққиқон дур мондааст. Дар диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна аввалин маротиба вожагони соҳаҳои ҳунармандӣ дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор аз нуқтаи назари этнолингвистӣ дар иртибот бо суннату анъанаҳои мардумӣ мавриди пажуҳиши илмӣ қарор гирифтааст. Муаллифи диссертатсия ба шакли муфассал тасвири пурраи этнолингвистӣ, низоми ҳамзамонӣ (синхронӣ) ва таърихӣ (диахронӣ)- и вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишии гӯйишҳои водии Ҳисор, ки дар онҳо омезиши шеваи шимолӣ ва ҷанубӣ ба назар мерасад, инчунин, нишон додани хусусиятҳои фарқкунандаи ин гурӯҳи калимаҳо дар қиёс

бо забони адабии муосири тоҷикӣ ва дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба сомон расондааст.

Барои расидан ба ҳадафҳо муаллиф дар назди худ чунин **вазифаҳоро гузоштааст:**

- нишон додани нақши этнолингвистика дар забоншиносии муосир;
- нишон додани робитаи забон бо фарҳанг аз нигоҳи этнолигвистика;
- омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ;
- таҳқиқи региолект ва муносибати он бо лаҳҷаҳои минтақавӣ;
- тавсифи лаҳҷаҳои водии Ҳисор ва муносибати онҳо бо региолект;
- ба гурӯҳҳо ва қабатҳо ҷудо намудан ва ба низом даровардани истилоҳоти соҳаи ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои мазкур;
- гурӯҳбандӣ намудан ва ба низом даровардани вожаву истилоҳоти соҳаи маишӣ дар лаҳҷаҳои мазкур;
- нишон додани мавқеи калимаҳои аслии тоҷикӣ дар низоми вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор;
- нишон додани мавқеи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар лаҳҷаҳои водии мазкур;
- таҳқиқи вожаҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор;
- таҳқиқи вожаҳои русӣ-аврупоии соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии мазкур;
- пажуҳиши вожаҳои таърихӣ ва куҳнашудаи соҳаи ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор.

Ба сифати мавод **ё сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** нутқи гуфтугӯйии мардумони водии Ҳисор, осори илмӣ, таърихӣ, фарҳангҳо, аз ҷумла, фарҳангҳои тафсирӣ, решашиносӣ (этимологӣ), тарҷумавӣ, фарҳанги ибораҳои халқӣ ва рехта мавриди истифода қарор гирифтаанд. Инчунин, ҳангоми навиштани кор китобҳое, ки худи мардуми маҳаллӣ доир ба таърихи маҳалҳояшон нашр намудаанд, ҳамчун сарчашма истифода шудаанд.

Барои расидан ба ҳадафи асосии диссертатсия дар он, асосан, ба адабиёти илмии забоншиносӣ ва забоншиносии қавмӣ, лаҳҷашиносӣ ва фолклор такя карда шудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии диссертатсияро** асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони хориҷӣ, аз қабили В. Гумболд, Ф. Боас, Э. Сепир,

Б.Уорф, М. Андреев, И. Зарубин, Л. Успенская, А. Розенфелд, Н. Ершов, В. Расторгуева, А. Герд, Ғ. Чураев, Д. Саймиддинов, С. Назарзода, Ш. Исмоилов, Н. Гадоев, О. Қосимов., О.Муҳаммадҷонзода, М. Ҳ. Султон, Д. Ҳомидов, Ж. Гулназарзода, М. Матробиён, М. Бобомуродова, Р.Сангинова, С. Ҳалимиён, З. Назарова ва дигарон ташкил медиҳанд. Инчунин, дар навишти диссертатсия аз асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон низ истифода бурда шудааст. Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ аз методҳои умумиилмӣ, усулҳои соҳавӣ, аз ҷумла, таҳқиқи этнолингвистӣ, шарҳи луғавӣ, ҳамзамонӣ (синхронӣ) ва таърихӣ ё дерзамонӣ (диахронӣ) ва дар мавриди муайян намудани муносибати лаҳҷаи мазкур бо забони адабии муосири тоҷикӣ, забони адабиёти классикӣ ва ҷо-ҷо бо баъзе лаҳҷаҳои дуру наздик усулҳои муқоисавӣ–типологӣ ва омориро низ мавриди истифода қарор додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар диссерататсия аввалин маротиба: таҳлили этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба роҳ монда шудааст; таҳқиқи назариявӣ ва амалии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст; вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор гурӯҳбандӣ карда шудааст; қабатҳои вожагонӣ–маъноии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии мазкур муайян карда шуда, мавқеи калимаҳои форсӣ-тоҷикӣ, унсурҳои лаҳҷавӣ, унсурҳое, ки аз адабиёти ниёгонамон ба мерос мондаанд, инчунин вожаҳои арабӣ, туркӣ-муғулӣ, русӣ-аврупоӣ, вожагони таърихӣ ва куҳнашуда дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар гӯйиши мардуми водии Ҳисор нишон дода шудаанд.

Диссертатсияи Абдуллоева Г.З. аз чанд ҷиҳат аҳаммияти хосса дошта, **арзиши назариаш** дар он зоҳир мегардад, ки маводи дар таҳқиқи мазкур фароҳамомада ва хулосаҳои он барои аз нав эҳё шудани як қатор ҳунарҳои мардумӣ, инчунин вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ, бо сабабҳои ҷаҳонишавӣ, яъне таъсири дигар забонҳову фарҳангҳо ва муҳоҷират, аз байн рафтаанд замина гузошта метавонад. Инчунин, дар забоншиносии тоҷик барои муайян намудани хусусиятҳои хоси вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор аз нуқтаи назари этнолингвистӣ кӯмак расонида метавонад, тавассути он барои рушди илмҳои забоншиносӣ, лаҳҷашиносӣ, этнолингвистика ва назарияи забон заминаи мусоид фароҳам меояд. Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ аз нуқтаи илмии пешниҳод гардида, барои пажӯҳишу ҷустуҷӯҳои илмӣ ба

муҳаққиқони забоншинос ва унвонҷӯёни дараҷаи илмӣ кӯмак расонида метавонад.

**Арзиши амалии** кори диссертатсионии Абдуллоева Гулрухсор дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷагириҳои таҳқиқ дар пажуҳиши вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ, гурӯҳбандии онҳо аз ҷиҳати маъно, омӯзиши хусусиятҳои забонии онҳо арзиши муҳим дошта, дастоварди илмии муаллифро дар навиштани мақолаҳо ва таълифи китобҳои дарсӣ доир ба этнолингвистика, лаҳҷашиносӣ, истилоҳшиносӣ ва курсҳои махсус метавон мавриди истифода қарор дод. Инчунин, барои мураттаб намудани фарҳангҳои соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ маводи диссертатсия замина гузошта метавонад. Натиҷагириҳои диссертатсияро метавон ҳамчун маводи илмӣ дар факултетҳои филология ва тарҷумашиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода намуд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки бевосита дар дӯконҳои ҳунармандии водии Ҳисор, саҳроҳои кишоварзон ва амсоли он, инчунин, дар асоси мушоҳидаҳои шахсӣ ҷанбаҳои асосии мавзуъро ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар заминаи омӯзиш бори нахуст таҳқиқоти этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маиширо мустақилона ба роҳ монда, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи ин гурӯҳи калимаҳоро аз забони адабии тоҷикӣ муайян кардааст. Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода омода шудааст. Мазмун ва муҳтавои кори таҳқиқотии мавриди назар дар шакли баромад ва мақолаҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалии сатҳи байналмилаливу ҷумҳуриявӣ, донишкадавӣ ва дигар маҷалла ироа гардидааст.

Таркиби диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳаммияту навоварии таҳқиқот асоснок гардида, мақсад, вазифа ва фарзияҳои муаллиф пешниҳод гардида, нуктаҳои асосии дар кор баррасишаванда номбар шудаанд.

Боби аввали рисола «**Асосҳои назариявии таҳқиқи масъалаҳои этнолингвистика**» унвон дошта, дар ин боб масъалаҳои ҷойгоҳи этнолингвистика дар забоншиносии муосир, робитаи забон бо фарҳанг,

Боби аввали рисола «**Асосҳои назариявии таҳқиқи масъалаҳои этнолингвистика**» унвон дошта, дар ин боб масъалаҳои ҷойгоҳи этнолингвистика дар забоншиносии муосир, робитаи забон бо фарҳанг, омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ, назари муҳаққиқон оид ба лаҳҷаҳо, назари муҳаққиқон оид ба вожагони лаҳҷаҳои водии Ҳисор, региолект ва лаҳҷаҳои минтақавӣ, хусусиятҳои фарқкунандаи региолектизмҳо аз диалектизмҳо, региолект ва муносибати он ба лаҳҷаву гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор ва вижагиҳои этнолингвистии вожагони фолклории мардумони водии Ҳисор мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия «**Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони соҳаи ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор»** номгузорӣ шуда, дар он докторант диққати хешро ба ҳалли масъалаҳои хусусиятҳои этнолингвистии калимаву истилоҳоти соҳаи чармгарӣ, кулолӣ, оҳангарӣ, сохтмон, дӯзандагӣ, бофандагӣ, зебу зиннат ва ороишоти занон, пазандагӣ ва қаннодӣ ва номвожаҳои ҷуғрофии ба соҳаи ҳунармандӣ алоқамандбуда равона сохтааст.

Боби сеюм **«Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони ифодакунандаи соҳаи маишӣ дар лаҳчаҳои водии Ҳисор»** унвон дошта, дар он пажуҳиши калимаву истилоҳоти ифодакунандаи соҳаи зироаткорӣ, чорводорӣ, моҳидорӣ, занбурпарварӣ, калимаву истилоҳоти соҳаи тиб, номи бозиҳо, хусусиятҳои этнолингвистии вожагони соҳаи хешовандӣ ба роҳ монда шудааст.

Боби чоруми рисола «**Хусусиятҳои забонии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор»** номгузорӣ шуда, дар он докторант диққати худро ба масъалаи баромади калимаҳо ва вожагони ғайрифаъол равона сохтааст. Дар ин боб бештар роҷеъ ба калимаҳои иқтибосие, ки дар дохили вожагони лаҳҷаҳои ин водӣ ҳазм шудаанд, сухан рафта, баромади иддае аз онҳоро нишон дода тавонистааст.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Абуллоева Г.З. 1 монография ва 33 мақола, аз ҷумла, 25 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онро дар зер оварда метавонем:

[1–М]. Абдуллоева, Г.З. Мавҷудияти унсурҳое, ки аз адабиёти классикӣ дар лаҳҷаи Қаратоғ ба мерос мондаанд [Матн]

**[2–М].** Абдуллоева, Г.З. Таъсири роҳи абрешим ба ташаккул ва барқароргардонии лексикаи соҳаи дӯзандагии водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №6. – С. 64-68. ISSN 24 13- 516.

**[3–М].** Абдуллоева, Г.З. Лексикаи соҳаи бофандагии водии Ҳисор ва муодилҳои он дар забони муосири рус [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2018. – №7. – С.71-74. ISSN 24 13- 516 X.

**[4–М].** Абдуллоева, Г.З. Луғати анъанавии соҳаи зироаткорӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019.– №5. – С.90-94. ISSN 24 13- 516 X.

**[5–М].** Абдуллоева, Г.З. Истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ дар шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ (дар ҳаммуаллифӣ) [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №6. – С.84-88. ISSN 24 13-516 X.

**[6–М].** Абдуллоева, Г.З. Мавқеи истилоҳоти чорводорӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор (дар ҳаммуаллифӣ) [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 20019. – №8. – С.96-99. ISSN 24 13- 516 X.

**[7–М].** Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии лексикаи соҳаи кулолгарӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г. З. Абдуллоева // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих. – Душанбе, 2020. – №3 (39). – С.18-24. ISSN 222-9355.

**[8–М].** Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии луғати соҳаи боғдорӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №4 – С. 32-37. ISSN 24 13- 516 X.

**[9–М].** Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии диалектизмҳои ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №2. – С.31-38. ISSN 24 13- 516 X .

**[10–М].** Абдуллоева, Г.З. Хусусиятҳои этнолингвистии калимаву истилоҳоти соҳаи қаннодӣ [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №3. – С. 30-34. ISSN 24 13- 516 X.

[11–М]. Абдуллоева Г.З. Мавқеи калимаҳои куҳнашудаи ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г. З. Абдуллоева. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.–Душанбе, 2021. – №3. – С.109-116. ISSN 24 13- 516 Х.
[12–М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии номвожаҳои ҷуғрофии ба соҳаи ҳунармандӣ алоқамандбуда, дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. –№4. – С.10-17. ISSN 24 13- 516 Х.
[13–М]. Абдуллоева, Г.З. Луғати соҳаи моҳидорӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №4. – С.96-100. ISSN 24 13- 516 Х.
[14–М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии рубоиёти наврузӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №5. – С.18-24. ISSN 24 13- 516 Х.
[15–М]. Абдуллоева, Г.З. Нақши этнолингвистика дар забоншиносии муосир [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишкадаи забонҳо. Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе, 2021. – №4 (49).– С. 70-76.ISSN 24 13- 516 Х.
[16–М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии калимаву истилоҳоти ифодакунандаи мафҳумҳои тиббӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №5. – С. 115-123. ISSN 24 13- 516 Х.
[17–М]. Абдуллоева, Г. З. Корбурди калимаҳои сермаъно дар луғоти ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Абдуллоева Г.З // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №6. – С. 11-20. ISSN 24 13- 516 Х.
[18–М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии истилоҳоти ифодакунандаи номи бозиҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №6. – С. 100-107. ISSN 24 13- 516 Х.
[19–М]. Назаре ба калимаву истилоҳоти соҳаи занбӯрпарварӣ аз нигоҳи этнолингвистӣ [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Суханшиносӣ. Академияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ. – Душанбе, 2022. – №3. – С. 39-43. ISSN 2308-7420
[20–М]. Абдуллоева Г.З. Андешае чанд перомуни омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ [Матн] / Г.З. Абдуллоева //

Суханшиносӣ. Академияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ.– Душанбе, 2022.– №4. – С.22-30. ISSN 2308- 7420.

[21–М]. Абдуллоева, Г.З. Роҳҳои ташаккул ва ҳимояи забонҳо ва лаҳҷаву шеваҳои дар ҳудуди Тоҷикистон арзи вуҷуддошта [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллиӣ Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №7. – С.60-66. ISSN 24 13- 516 X).

[22–М]. Абдуллоева, Г.З. Региолект ва муносибати он бо лаҳҷаву шева ва гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №3. – С.52. - 59. ISSN 24 13- 516 X.

[23–М]. Абдуллоева, Г.З. Ҷанбаҳои этнолингвистии луғоти соҳаи сохтмон дар лаҳаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №4. – С.73- 78. ISSN 24 13- 516 X

[24–М]. Абдуллоева, Г.З. Мавқеи калимаҳои иқтибосии арабӣ дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №6. – С.24- 31. ISSN 24 13- 516 X.

[25–М]. Абдуллоева Г.З. Назаре ба калимаҳои иқтибосии русӣ-аврупоӣ дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор. [Матн] / Г.З. Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – №7. – С.51- 57. ISSN 24 13- 516 X.

**Монография:**

[1-М] Абдуллоева Г.З. Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунарманди ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор/Г.З.Абдуллоева.-Душанбе, 2023. - 380 с.

Кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевнаро дар мавзуи "Таҳқиқи вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор" кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина диссертатсияи мазкур ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология тавсия мешавад.

Хулоса, дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забоншиносӣ ва рӯзноманигорӣ, забони тоҷикӣ, методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик

ва забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 20 нафар, “зид” - нест, “бетараф” – нест, қарори № 3 аз 30. 10. 2023

**Раиси ҷаласа:**
**доктори илми филология,**
**мудири кафедраи забони**
**тоҷикӣ** **Расулов С.М.**

**Номзади илми филология,**
**и.в. мудири кафедраи**
**забоншиносӣ ва рӯзноманигорӣ** **Сафарова Г.Ф.**

**Номзади илми филология,**
**и.в. мудири кафедраи методикаи**
**таълими забон ва адабиёти тоҷик** **Ҳафизов Т.С.**

**Номзади илми филология, дотсент,**
**мудири кафедраи забоншиносии**
**муқоисавӣ ва назарияи тарҷума** **Соҳибназарова Ҳ.Т.**

**Котиби илмӣ:**
**номзади илми филология,**
**муаллими калон** **Мамадаминова З.**

**«Тасдиқ мекунам»**
**сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи байналмилалии**
**забонҳои хориҷии Тоҷикистон**
**ба номи Сотим Улуғзода** **Юсупова Б.Ғ.**
**«3» ноябри 2023 с.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС